# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дар мавзӯи “Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа**

Дар шароити имрӯзаи вусъати ҳамкориҳои илмӣ бо кишварҳои хориҷӣ донистан, истифода намудан ва баҳо додан ба таҳқиқоти олимони Аврупо хеле муҳим аст. Махсусан, осори он шарқшиносоне, ки мероси динӣ ва фалсафии халқҳои тоҷику эрониро таҳқиқ кардаанд, барои дарки мавқеи сиёсӣ, илмӣ ва шахсии онҳо дорои аҳамияти илмӣ буда, ба баррасии интиқодии онҳо аз нигоҳи фалсафӣ зарурати ҷиддӣ эҳсос мешавад. Зеро истиқлоли давлатӣ на танҳо масъалаи худшиносӣ ва худогоҳии миллиро ба миён гузоштааст, балки аз тарафи хориҷиён, алалхусус олимони ҷомеашиноси ғарбӣ арзёбии мероси маънавии халқи моро низ аз масъалаҳои мубрами илм қарор додааст.

Дар байни олимони ховаршинос муҳаққиқи фаронсавӣ А.Корбен мақоми алоҳида дорад. Ӯ ҷараёнҳои динӣ ва фалсафии халқи тоҷик ва намояндагони онро ба таҳқиқ гирифта, асарҳои ҷолиб эҷод кардааст, ки ӯро дар байни ховаршиносон ва файласуфон шуҳратманд намудааст.

Бо назардошти гуфтаи мазкур таҳқиқи диссертатсионии Иброҳимов Ф.М. аз ҷиҳати илмӣ актуалӣ буда, таҳлилҳои дуруст ва иштибоҳу нуқси осори файласуфони ховаршиносро равшан намудан арзиши таҳқиқи диссертатсиониро бештар менамояд.

Иброҳимов Ф.М. дар муқаддимаи диссертатсияаш шахсияти илмии Анри Корбенро муаррифӣ намуда, ақидаи олимони тоҷик, эронӣ ва аврупоиро дар бораи андешаҳои А.Корбен доир ба фалсафаи машшоияи шарқӣ, махсусан Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, инчунин дар бораи калом, тасаввуф, исмоилия ва ишроқ батафсил омӯхта, назари онҳоро оид ба андешаҳои А.Корбен таҳлил намудааст. То ба ҳол дар илми таърихи фалсафаи тоҷик таҳқиқи махсуси осору афкори Анри Корбен, ҳамчунин

назари муҳаққиқон ба он ба таври ҷомеъ ва махсус таҳқиқ нашуда буд. Аз ин рӯ таҳқиқоти диссертант як иқдоми хеле хуб ва асари тоза ва муҳим ба ҳисоб меравад.

Яке аз ҷиҳатҳои мусбати диссертатсияи Иброҳимов Ф.М. дар ин аст, ки ӯ асарҳои А.Корбенро бевосита аз забони фаронсавӣ ва англисӣ истифода кардааст, ки эътимодбахш будани хулосаҳои муаллифро тасдиқ мекунад.

Бояд махсус зикр кард, ки Иброҳимов Ф.М. дар баррасии масъалаҳои таҳқиқшаванда мавқеи умумӣ ва назари интиқодӣ дорад. Ӯ асарҳои таҳқиқотии А.Корбенро роҷеъ ба Форобӣ, Ибни Сино, Абулҳасани Омирӣ, Ибни Мискавайҳ ва дигарон таҳлил карда, дар зимни баёни хидмати муҳаққиқи фаронсавӣ нодурустии ақидаҳои ӯро низ бо далелҳои муътамад исбот мекунад. Чунин бархурди Иброҳимов Ф.М. ҳангоми баррасии андешаҳои А.Корбен дар бораи рисолаҳои тамсилии Ибни Сино “Ҳай ибни Яқзон”, “Рисолат-ут-тайр”, “Саломон ва Абсол” ба хубӣ фаҳмида мешавад. Дар бораи аз тарафи А.Корбен сӯфӣ қаламдод шудани Форобӣ низ диссертант бо муҳаққиқи фаронсавӣ баҳс мекунад ва андешаи ӯро қобили қабул намедонад. Мустақил будани мавқеи диссертант дар он низ зоҳир мегардад, ки ӯ фикри А.Корбенро дар бораи асосгузори равияи ишроқ донистани Ибни Сино ва Суҳравардиро идомадиҳандаи Шайхурраис ҳисоб кардани ӯ рад мекунад ва ба ақидаи муҳаққиқони тоҷик, шӯравӣ ва иддае аз олимони эронӣ ҳамназар будани худро бо далелҳо таъкид менамояд. Ҳамчунин назари мустақилона ва интиқодӣ доштани диссертант дар ҳангоми тавзеҳи ақидаҳои А.Корбен роҷеъ ба калом, тасаввуф, исмоилия ба вазоҳат маълум мегардад.

Дар ду боб ва ҳафт зербоб масъалаҳои мавриди баҳсро Иброҳимов Ф.М. ба таври боварибахш дар заминаи осори А.Корбен ва асарҳои мутафаккироне, ки олими фаронсавӣ дар бораи онҳо андеша рондааст, таҳқиқ кардааст. Хулосаҳое, ки диссертант дар охири асараш баён кардааст, ҳам хидмати А.Корбенро ҳамчун муҳаққиқ, файласуф ва ховаршинос зикр ва нақши ӯро дар таҳқиқи афкори фалсафии халқи тоҷик муайян кардааст.

Метавон гуфт, ки асари диссертатсионии Иброҳимов Ф.М. **“Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен”** кори мустақилонаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, бинобар ин онро барои ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои фалсафа,
профессор, академики АМИТ — Олимов К.

Имзои К.Олимовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ — Кучарова Б.Д.

03.04.2020 с.